**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна таҳти унвони «Хусусиятҳои луғавӣ-маънoии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология**

Диссертатсияи Қодирова Фирӯза ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷик бахшида шудааст ва интихоби мавзӯъ замонавию саривақтӣ мебошад, зеро дар забоншиносии тоҷик бори нахуст таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои забонии яке аз осори хаттии аз назарҳо дурмондаи марҳилаи аввали таърихи навини забони адабӣ ба анҷом расидааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи** автореферат роҷеъ ба мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи пажӯҳиши мавзӯъ, ҳадаф ва усулҳои таҳқиқ, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, нуктаҳои асосии ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, сохтору ҳаҷми рисола маълумот дода шудааст.

**Боби аввали диссертатсия** – «Гурӯҳбандии лексикаи «Ҷаҳоннома»-ро унвонҷӯ ба муайяну мушаххассозии гурӯҳҳои лексикии таркиби асар: вожаҳои аслӣ, иқтибосӣ, серистеъмол, камистеъмол, архаистӣ, адабӣ-китобӣ ва ғ. бахшида, дар доираи ду фаслу ду зерфасл дараҷа ва хусусиятҳои корбурди онҳоро нишон додааст.

«Категорияҳои луғавӣ-маънoии «Ҷаҳоннома» – унвони **боби дуюми** диссертатсия буда, ин ҷо диққати асосии муаллиф ба муайянсозии хусусиятҳои маънoии калимаҳои таркиби асар равона шудааст. Дар чаҳор фасли ин боб мавқеи калимаҳои сермаъно, ҳамшакл, ҳаммаъно ва зидмаъно дар асари мавриди пажӯҳиш нишон дода шудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия «Ономастикаи асар ва таснифоти он аз рӯйи маъно ва сохтор» унвон гирифта, аз чаҳор фаслу чаҳор зерфасл

таркиб ёфтааст. Таҳлилу баррасии васеи номҳои зиёди марбут ба шохаҳои гуногуни ономастика: антропоним ва этнонимҳо, топонимҳо ва таснифоти сохтории онҳо ва ғ. дар ин боб аҳамияти илмиву амалӣ доранд. Аз ҷумла, зикри баромади забонии антропоним ва этнонимҳои таркиби асар қобили қайд аст. Ҳамчунин, шарҳи пайдоиши номҳо, зикри ихтилофи номи шаҳрҳо дар забони китобат ва муҳовара, таъкиди тарзи дурусти талаффузу навишти калимаҳо дар «Ҷаҳоннома» низ ҷанбаи инфиродии таҳқиқот ва арзиши онро афзудааст.

Бояд қайд намуд, ки унвонҷӯ барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқи худ – тасвири манзараи таркиби луғавии забони адабии асри XIII ба ҷанбаи оморию маводи «Ҷаҳоннома» диққат додааст.

Муаллиф дар охири диссертатсия аз таҳқиқи анҷомпазируфта дар 12 банд хулосаҳои муҳим баровардааст, ки мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо 3 забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар анҷоми матни автореферат оварда шудаанд, мувофиқ ба муқаррароти ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Бо вуҷуди муваффақияту дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо низ ҷой доранд, ки ислоҳашон ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар банди **Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ** принсипи интихоби таҳқиқоти пешин равшан нест(с. 3-4).

2. Барои тасдиқи сухан аз китоби мавриди таҳқиқ асосан калимаҳо оварда шудааст. Аз ҷумла, якчанд калимаҳо (даст, сурат, азим, андохтан) бидуни далелорӣ сермаъно номбар шудаанд. Хуб мешуд, ки гуфтаҳои унвонҷӯ бо зикри ҷумлаҳо собит гарданд, зеро маънои вожа маҳз дар матн мушаххас мегардад.

Дар умум эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, мазмуни асосии авторефератро коҳиш намедиҳанд. Дастовардҳои илмии рисола арзишманду назаррасанд ва диссертант ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Ба ҳамин тариқ, диссертатсияи Қодирова Фирӯза дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он шоистаи соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи забони**
**тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Шокиров Т.С.**

**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1.**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон**
**E-mail: shokirov1953@mail.ru**
**Тел.: +992 918 63 99 63**

**Имзои Шокиров Туғрал Сироҷовичро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И. Ҳ.**
**Сана: 30.03.2021**